# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Солиҳов Маҳмадсалим Маҳмадуллоевич дар мавзуи «Такмилдиҳии технологияи самараноки захираи намӣ вобаста аз коркарди чуқурии хок дар заминҳои лалмии водии Ҳисор» диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080101 – Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ**

Истифода бурдани заминҳои лалмии кишвар манбаи асосии истеҳсоли маҳсулоти ғизоӣ маҳсуб ёфта, парваришу истеҳсоли зироатҳои лӯбиёгии серсафеда ва равғандеҳ, аз қабили мушунг, зағир ва маъсар аз ҷиҳати иқтисодӣ фоидаовар буда, аҳолии кишварро бо маҳсулоти ғизоӣ ва равғани истеъмолии ватании аз ҷиҳати экологӣ тоза таъмин менамояд. Ҳолат ва равиши имрӯзаи бозори маҳсулоти дохилӣ аз олимону мутахассисони соҳа талаб менамояд, ки онҳо технологияҳои муосири парвариши зироатҳои саҳроиро ба роҳ монда, ҳарчи бештар истеҳсоли махсулотҳои кишоварзиро зиёд намуда ва аҳолии ҷумҳуриро бо маводҳои озуқавории худӣ таъмин намоянд.

Яке аз талаботҳои имрӯзаи бозори маҳсулоти озуқаворӣ ва олимони соҳа аз паст намудани хароҷотҳои истеҳсолӣ дар кишт ва парвариши зироатҳо иборат мебошанд. Нисбат ба амалисозии технологияи пешниҳодгашта аз ҳама муҳим, бояд доир ба мазмун ва мақсади технологияи мазкур барои кишоварзон тавсияҳои амалиро пешниҳод намудан лозим аст.

Дар натиҷаҳои таҳқиқоти докторант Солиҳов М.М. бори аввал дар заминҳои лалмии аз боришот таъмини Тоҷикистони Марказӣ дар асоси гузаронидани таҳқиқотҳои илмӣ самаранокии технологияи захираи намӣ вобаста аз чуқурии коркарди хок муайян карда шуд, ки он рӯёнидани ҳосили баланд ва устувори зироатҳои мушунг, маъсар ва зағирро таъмин менамояд. Инчунин, таъсири чуқурии коркарди хокро ба ташаккулёбии биомассаи биологӣ, масоҳати барг, нишондодҳои фотосинтетикӣ ва сохтори таркибии ҳосили зироатҳои лӯбиёдонагӣ ва равғандиҳанда исбот кард.

Диссертатсияи Солиҳов М.М. дар ҳаҷми 145 саҳифаи матни чопи компютерӣ омода карда шуда, аз муқадима, сарчашмаҳои адабиёти илмӣ, мавод ва методҳои таҳқиқот, натиҷаҳои таҳқиқот, хулоса ва тавсияҳои илмӣ, ҳамчунин рӯйхати адабиёти истифодашуда , ки 112 номгӯро дар бар мегирад, иборат аст. Дар диссертатсия 31 ҷадвал ва 22 расм ҷой дода шудааст

Кори диссертатсионии доктарант Солиҳов М.М. бешубҳа зинаи ба анҷомрасдаи таҳқиқоти илмӣ ба шумор меравад. Дар давоми солҳои

таҳқиқоташ маводҳои зиёди илмӣ ҷамоварӣ намудааст. Натиҷаи таҳқиқотии илмӣ аҳамияти калони илмӣ ва истеҳсолӣ дорад

Диссертатсияи Солиҳов Маҳмадсалим Маҳмадуллоевич аз руйи муҳимият, навоварӣ ва интишорот ба талаботи Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080101 – Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ сазовор мебошад.

Мудири озмоишгоҳи генетика ва селексияи растаниҳои Институти биологии Помир ба номи Х.Ю. Юсуфбекови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, д.и.к., узви вобастаи АМИТ (аз рӯйи ихтисоси 06.01.05- селексия ва тухумпарварии растаниҳои кишоварзӣ) ________Қ.Абдуламонов

Имзои Қ. Абдуламоновро тасдиқ мекунам:
Сардори шӯъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси Раёсати АМИТ ________ М. Муродова

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ОТДЕЛ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ

23.05.2023

736000, ВМКБ, ш. Хорог, к. Холдоров 1. Институти биологии Помир,
тел – 935 67 54 16, Е.- mail:ahmad79.79@ mail.ru